**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК:** 327.88

**ХОЛИҚОВ ФИРДАВС АЛИЕВИЧ**

# АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Душанбе – 2022**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ятимов Саймумин Саторович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси КДАМ

**Муқарризони расмӣ:** **Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Презденти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Холов Хуршед Қодирқулович** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Академияи идоракунии давлатии назди Презденти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «15» апрели соли 2022, соати «14 $^{00}$» дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии ДМТ (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______________ соли 2022 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Аҳамияти мавзуи тадқиқот.** Дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рушди минбаъдаи ҷомеа ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе назардошти омилҳои иттилоотӣ амалӣ намудан ғайриимкон аст. Дар чунин вазъият амнияти иттилоотии кишвар унсури марказии низоми амнияти миллӣ дониста шуда, рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ба худ вобаста менамояд. Дар баробари рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, ки барои фаъолияти муназзами ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мегардад, инчунин таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ, бахусус суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеаро халалдор месозанд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Чунин сурат гирифтани вазъиятро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ 26 январи соли 2021 таъкид намуда, иброз дошт, ки «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. … Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд»[1].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва тавсеаи технологияҳои иттилоотӣ ба мушоҳида мерасанд. Ҳамзамон рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа истифодаи технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Ба ибораи дигар, айни замон ҳеҷ як соҳаи фаъолиятро бе истифодаи компютер ва шабакаи интернет тасаввур намудан номумкин аст. Ба ҳамин хотир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Дар самти иттилоотонии ҷомеа ва рушди технологияҳои иттилоотӣ як зумра қонунҳо қабул гардида, дар амал татбиқ гардида истодаанд. Бидуни шак, дар шароити имрӯза ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар, дар аксар маврид, аз рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш.Душанбе, 26.01.2021 [Матн]. –Душанбе, 2021. –С.37-38.

вобаста мебошад. Махсусан, дар шароите, ки ҷангҳои иттилоотӣ ва инқилобҳои иттилоотӣ ба авҷи баланди худ расидаанд ва бинобар ин ҳифзи имиҷи сиёсии Тоҷикистон ва ташаккул додани он аз сиёсати иттилоотии давлат вобастагии зиёд дорад. Ҳамзамон, қайд намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатари муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Аз сабаби он ки мамлакат дар давраи гузариш қарор дорад, ҳанӯз ҳам дар Тоҷикистон раванди ислоҳоти соҳаҳо ва махсусан ташаккули маданияти иттилоотӣ ва тафаккури танқидии шаҳрвандон дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Чунин ҳолат, осебпазирии ҷомеаи Тоҷикистонро дар муқобили ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва сиёсати душманонаи субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ зиёд менамояд. Дар маҷмӯъ, бо назардошти масъалаҳои зерин, таҳқиқи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир хеле муҳиму саривақтӣ мебошад:

1. Таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чанд омил вобаста мебошад: аз рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, аз рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат, аз маданияти иттилоотии шаҳрвандони кишвар ва аз сиёсати иттилоотию иттилоотонии давлат. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди ҳамаи соҳаҳо аз дараҷаи тараққиёти инфрасохтори иттилоотии ҷомеа вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, тавсеаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернет, омода намудани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба таври васеъ мавриди истифода қарор додани технологияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки амнияти иттилоотӣ кишвар таъмин карда шавад. Ҳамзамон, сатҳу сифати сиёсати иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа низ омили муҳимми таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Махсусан, васоити ахбори оммаи ватанӣ дар тарғибу ташвиқи анъанаҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои давлату ҳукумат фаъолона ширкат варзанд. Роҳу усулҳои нави ҷалби хонандагону бинандагонро бояд пайдо созанд. Дар маҷмӯъ, онҳо бояд талаботи иттилоотии ҷомеаро қонеъ карда тавонанд.

2. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ инсониятро бо таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири манфии чунин таҳдидҳоро эҳсос намуда истодааст. Пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ аз он вобаста аст, ки як зумра неруҳои иҷтимоию сиёсӣ ва субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро барои амалӣ намудани мақсадҳои стратегии худ истифода намуда истодаанд. Дар ин раванд ташкил намудани ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, дурӯғпардозию иғвоангезӣ, ки дар натиҷаи

фаъолияти онҳо инқилобҳои ранга, табаддулоти давлатӣ ва ғайраҳо ба амал омада истодаанд.

3. Тӯли солҳои охир терроризми иттилоотӣ ва экстремизми иттилоотӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таҳдид намуда истодаанд. Ташкилотҳои террористию экстремистии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ихвон-ул-муслимин», ҳаракати «Толибон» ва чанде дигарон ба воситаи шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ дар байни ҷавонон ва муҳоҷирони тоҷик, корҳои таблиғотӣ анҷом дода, онҳоро ба сафҳои худ шомил намуда истодаанд. Зиёда аз 2 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ба сафи ҷангиёни «Давлати исломӣ» пайваста, дар ҷангҳои Сурия ва Ироқ иштирок намудаанд. Аксарияти онҳо ба воситаи шабакаи интернет мағзшӯйӣ гардида, барои анҷом додани фаъолияти террористӣ сафарбар шудаанд.

4. Ҳамзамон, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24» ва «Паймони миллии Тоҷикистон» ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет дар муқобили давлату ҳукумат ҳуҷумҳои иттилоотӣ анҷом дода, кӯшиши ташкил намудани инқилоб ва ё табаддулоти давлатиро карда истодаанд. Онҳо, аз технологияи назарфиребӣ истифода намуда, бо паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва иғвоангез мехоҳанд шаҳрвандони кишварро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Чунин ҳолат, таҳдид ба суботи сиёсӣ, вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат, аз байн бурдани оромии ҷомеа ва зери хавфу хатар қарор додани манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Бо назардошти масъалаҳои номбаршуда, ки дар зери таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ба амал меоянд, омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ба шумор рафта, барои мустаҳкам ва тақвият бахшидани сиёсати давлатии иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ зарур дониста мешавад. Муҳиммияти таҳқиқи ин мавзӯъ низ бо зарурати возеҳу равшан намудани таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва муайян кардани афзалиятҳои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзуъ.** Тӯли ду даҳсолаи охир олимону муҳаққиқон ба омӯзиши масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда истодаанд. Таҳқиқи амнияти иттилоотӣ, сиёсати иттилоотӣ ва пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар сатҳи гуногун таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Барои хубтару беҳтар нишон додани сатҳи омӯзиши мавзӯъ

адабиёти илмии дар ин самт таҳиягардидаро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем.

**Гурӯҳи якумро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони Ғарб ташкил медиҳанд. Дар самти омӯзишу баррасии паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ асарҳои Р. Литан, Ҷ. Самсон, М. Кросс, Ҷ. Ҳейли, М. Леҳто, А. Ҷек, Б. Бузан, О. Вейвер, М.С. Либиски, С.Ҷ. Най, Р. Блеквил[1] ва дигарон аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Олимони мазкур ба тавсеаи шабакаи интернет, ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ, амнияти иттилоотию кибернетикӣ, ҳуҷумҳои иттилоотию кибернектикӣ, фаъолияти муназзами системаҳои иттилоотӣ диққати зарурӣ додаанд. Инчунин, дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, тағйирёбии тавозуни қувваҳо, мустаҳкам шудани мавқеи субъектҳои ғайридавлатӣ, тезу тунд гардидани мубориза ҳои иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол намудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони рус ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки дар таҳқиқоти олимони рус паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ ва роҳу усулҳои таъмини он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, назарияи амнияти иттилоотӣ, сиёсати иттилоотонӣ, сиёсати давлатии иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, таҳдиду хатарҳои иттилоотии замони муосир ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудаанд. Масъалаҳои номбаргардида дар асарҳои А.В. Возженников, В.П. Мельников, С.А. Клейменов, И.И. Попов, В.Н. Ильюшенко, С.П. Росторгуев, А.В. Манойло, А.В. Загорский, Н.П. Ромашкинов, И.Л. Морозов, Г.Л. Акопов, К.Н. Лобанов, А.Б. Логунов, И.А Крилова, В.А. Рукинов[2] ва дигарон таҳлилу тадқиқ гардидаанд.

---

[1] Litan R. Law and policy in the age of the Internet // Duke Law Journal. – 2001. – Vol. 50. – №4. – P.1045-1085.; Sammons J., Cross M. What is cyber safety? // The Basics of Cyber Safety. Syngress, 2017. – pp.1-27.; Healey J. Cyber Security Objectives // Cyber Security Policy Guidebook. –2012. – pp.39-67.; Lehto M. The Cyberspace Threats and Cyber Security Objectives in the Cyber Security Strategies // International Journal of Cyber Warfare and Terrorism. 2015. –№ 3(3). P.1-18.; Jack A. A national security staff for the 21st century. Strategic Studies Institute, 2012. – 160 p.; Buzan B., Wæver O. Regions and powers. The structure of international security. Cambridge University Press, 2003. –598 p.; Libicki M.C. What is Information Warfare? Washington: National Defense University, 1996. – 110 p.; Най, С.Д. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2014. –444 с.; Блэквилл, Р. Война иными средставми [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2017. – 480 с.

[2] Возженников, А.В. Национальная безопасность: теория, политика, стратегия [Текст] / А.В. Возженников. –М.: ВТИ «Модуль», 2000. –234 с.; Мельников, В.П. Информационная безопасность [Текст] / В.П. Мельников, С.А. Клейменов, А.М. Петраков. –М.: Academiya, 2007. –336 с.; Попов, И.И. Информационная безопасность [Текст] / И.И. Попов, Т.Л. Партыка. –М.: Форум, 2007. – 142 с.; Ильюшенко, В.Н. Информационная безопасность общества [Текст] / В.Н.

Дар тадқиқоти олимони мазкур таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, тавсеаи шабакаи интернет ва дар раванди фаъолгардии ташкилотҳои террористию экстремистӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Инчунин, олимони мазкур ба масъалаи рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, манфиатҳои иттилоотии давлат ва сиёсати давлатии иттилоотӣ диққати зарурӣ дода, рушди соҳаҳои гуногун ва таъмини амнияти миллии мамлакатро аз сатҳу сифати амнияти иттилоотӣ вобаста намудаанд.

**Гурӯҳи сеюми** адабиёти илмиро корҳои илмию тадқиқотии олимоне ташкил медиҳанд, ки дар онҳо таҳдидҳои иттилоотӣ, шаклҳои зоҳиршавии онҳо, аз ҷумла ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, дуруғпардозию иғвоангезӣ, ташкил намудани инқилобҳои ранга ва ғайраҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ба омӯзиши ин масъала чунин олимон ба монанди И.Н. Панарин, А.А. Бартош, А.А. Малюк, В.А. Минаев, М.П. Сычев, А.А. Смирнов, А.В. Манойло, Е.А. Жидко, О.Е. Головацкая, А.А. Романов, В.В. Шабаев, В.Ю. Осипов, Р.М. Юсупов, И.П. Добаев[1] ва дигарон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд.

---

Ильюшенко. –Томск, 1998. –220 с.; Расторгуев, С.П. Основы информационной безопасности [Текст] / С.П. Росторгуев. – М.: Издательский центр «Академия», 2009. –446 с.; Манойло, А.В. Государственная информационная политика в особых условиях [Текст] / А.В. Манойло. –М.: МИФИ, 2003. –388 с.; Проблемы информационной безопасности в международных военно-политических отношениях [Текст] / Под ред. А.В. Загорского, Н.П. Ромашкинов. –М.: ИМЭМО РАН, 2016. –183 с.; Морозов, И.Л. Информационная безопасность политической системы [Текст] / И.Л. Морозов // Полис. Политические исследования. –2002. –№5. –С.134-145.; Акопов, Г.Л. Политика и Интернет. Монография [Текст] / Г.Л. Акопов. –М.: ИНФРА-М, 2020. –202 с.; Лобанов, К.Н. Информационно-психологическое противоборство в сфере региональной безопасности СНГ: идеологические и доктринальные аспекты [Текст] / К.Н. Лобанов // Среднерусский вестник общественных наук. –2020. –Т.15. –№2. –С.35-47.; Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009. –439 с.; Крылова, И.А. Проблема информационной безопасности в век глобализации [Текст] / И.А. Крылов // Век глобализации. – 2019. –№3. –С.73-79.; Рукинов, В.А. Безопасность: политический и социальный аспекты. Монография [Текст] / В.А. Рукинов. –СПБ., 2016. –420 с.

[1] Панарин, И.Н. Информационная война и власть [Текст] / И.Н. Панарин. –М.: Мир безопасности, 2001. –223 с.; Бартош, А.А. Информационная война как угроза национальной безопасности России [Текст] / А.А. Бартош // Дипломатическая служба. –2016. –№4. –С.58-67.; Бартош, А.А. Стратегия и контрстратегия гибридной войны [Текст] / А.А. Бартош // Военная мысль. – 2018. – № 10. – С.5-20.; Малюк, А.А. Образование как инструмент информационной войны [Текст] / А.А. Малюк, В.А. Минаев, М.П. Сычев // Информация и безопасность. –2019. –Т.22. –№4. –С.485-494.; Смирнов, А.А. Эволюция угроз информационной безопасности [Текст] / А.А. Смирнов // Информационные войны. –2015. –№2 (34). –С.69-74.; Манойло, А.В. Основы теории современных информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2017. –№4 (19). –С.3-23.; Манойло, А.В. Информационная война и новая политическая реальность (I) [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Московского государственного областного университета. – 2021. – № 1. – С.100-132.; Жидко, Е.А. Научно-обоснованный подход к

И.Н. Панарин, А.А. Бартош ва А.В. Манойло моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ҷангҳои иттилоотиро дар сатҳи зарурӣ тадқиқ намуда, роҳу усулҳои ташкил намудани онҳо ва технологияи анҷом додани амалияҳои иттилоотиро муайян кардаанд. О.Е Головитская ва А.А. Романов ба масъалаи паҳн намудани хабарҳои носаҳеҳ ва дурӯғпардозию иғвоангезӣ диққат дода, онҳоро омилҳои бесуботкунандаи ҷомеа муаррифӣ кардаанд.

Бо назардошти он ки дар тадқиқоти анҷомёфта таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ масъалаи марказӣ ба шумор меравад, ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ диққати бештар ба масъалаи терроризм ва экстремизми иттилоотӣ бояд дода шавад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани моҳияти ин масъала ба сарчашмаҳои илмии ин соҳа таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Бинобар ин, **гурӯҳи чоруми** асарҳои илмиро тадқиқоти олимоне ташкил медиҳад, ки онҳо ба омӯзиш ва таҳқиқи терроризми иттилоотӣ машғул гардидаанд. Дар асарҳои С.Г. Туронок, В.К. Бутранетс, Н.П. Шеховтсов, Ю.Е. Кулешов, В.К. Новиков, И.Ю. Сундиев, В.Н. Костин, А.И. Пропищин, Л.Х. Ибрагимов, Г. Вейман[1] ва

---

классификации угроз информационной безопасности [Текст] / Е.А. Жидко // Информационные системы и технологии. –2015. – №1 (87). – С.132-139.; Головацкая, О.Е. Значение и происхождение термина «Fake news» [Текст] / О.Е. Головацкая // Коммуникология. – 2019. – Т.7. – №2. – С.139-152.; Романов, А.А. «Fake News» в социальных сетях, блогах и мессенджерах как угроза информационной безопасности [Текст] / А.А. Романов, В.В. Шабаев // Юрист-Правовед. –2020. –№1 (92). –С.16-20.; Осипов, В.Ю. Информационный вандализм, криминал и терроризм как современные угрозы обществу [Текст] / В.Ю. Осипов, Р.М. Юсупов // Труды СПИИРАН. – 2009. – №8. – С.34-45.; Добаев, И.П. Механизмы и технологии осуществления Западом "цветных революций" на постсоветском пространстве [Текст] / И.П. Добаев // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки СКАГС. – 2008. – №2. – С.128-141.

[1] Туронок, С.Г. Информационный терроризм: выработка стратегии противодействия [Текст] / С.Г. Туронок // Общественные науки и современность. – 2011. – №4. – С.131-140.; Бутранец, В.К. Информационное противоборство: понятие, субъекты, цели [Текст] / В.К. Бутранец // Проблемы управления. –2008. –№3 (28). –С.104-109.; Шеховцов, Н.П. Информационное оружие: теория и практика применения в информационном противоборстве [Текст] / Н.П. Шеховцов, Ю.Е. Кулешов // Вестник Академии военных наук. – 2012. – №1 (38). – С.35-40.; Новиков, В.К. Информационное оружие – оружие современных и будущих войн [Текст] / В.К. Новиков. – М.: Горячая линия - Телеком, 2011. – 264 с.; Сундиев, И.Ю. Новое качество террористической пропаганды: медиа-империя ИГИЛ [Текст] / И.Ю. Сундиев, В.Н. Костин // Информационные войны. –2015. –№1 (33). –С.30-36.; Пропищин, А.И. Информационный терроризм как новый вызов человечеству [Текст] / А.И. Пропищин // Вестник Краснодарского университета МВД России. –2009. –№1. –С.134-137.; Ибрагимов, Л.Х. Интернет-терроризм как феномен современных политических коммуникаций [Текст] / Л.Х. Ибрагимов // Информационные войны. –2016. –№2 (38). –С.71-75.; Вейман, Г. Специальный доклад № 116. Как современные террористы используют Интернет [Электронный ресурс]. –URL: http://scienceport.ru/library/-literature/5170-spetsialnyiy-doklad-№-116-kak-sovremennyie-terroristyi-ispolzuyut-internet/ (дата обращения: 25.04.2021 г.)

дигарон масъалаи истифода шудани шабакаи интернет аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии террористон ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидааст. Олимони мазкур дар тадқиқоти худ муайян намудаанд, ки террористон ва экстремистон шабакаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро дар кадом шакл истифода менамоянд.

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ олимону муҳаққиқон ба таҳлилу таҳқиқи амнияти иттилоотӣ машғул гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар тадқиқоти олимони ватанӣ аз ҳама бештар масъалаҳои таъмини суботи сиёсӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароию террористӣ, ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ пайвастани ҷавонон, мағзшӯӣ гардидани ҷавонон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, киберҷиноятҳо ва монанди инҳо таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар заминаи омӯзиши ин масъала рисолаҳои илмӣ, асарҳои илмию тадқиқотӣ ва мақолаҳои илмии гуногун таҳия гардидаанд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва сатҳи омӯзиши масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар корҳои илмию тадқиқотии А.Н. Маҳмадов, С.С. Ятимов, М.У. Хидирзода, П.А. Маҳмадов, К.Қ. Сафарализода[1] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ, таҳдиду хатари иттилоотӣ, кибертерроризм, киберэкстремизм, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир, сиёсати иттилоотонии давлат ва ғ. таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Гурӯҳи шашумро** тадқиқотҳои диссертатсионии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Аз соли 2014 инҷониб, олимону муҳаққиқони ватанӣ ба масъалаи амнияти иттилоотии кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, масъалаҳои ҷудогонаи онро объекти тадқиқоти илмии худ қарор додаанд. Баъзе паҳлуҳои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии

---

[1] Маҳмадов, А.Н. Амнияти миллӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов, Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Империал-групп, 2019. – 226 с.; Мухаммад, А.Н. Киберпреступление как явление кибертерроризма: сущность и его современные особенности [Текст] / А.Н. Мухаммад // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – № 3-1. – С.56-61.; Ятимов С.С. Илм ва амният. Монография [Матн] / С.С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192 с.; Хидирзода, М.У. Лидерство и управление (опыт социально-философского анализа). Монография [Текст] / М.У. Хидирзода. –Душанбе: Ирфон, 2018. – 158 с. Махмадов П.А. Безопасность в условиях трансформации общества (опыт Таджикистана). Монография [Текст] / П.А. Махмадов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. –152 с.; Сафарализода, Х. Кибертерроризм как угроза национальной безопасности [Текст] / Х. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С.171-175.

Тоҷикистон дар рисолаҳои илмии А.Х. Ибодов, П.А. Маҳмадов, К.И. Сафиев, Ш.К. Раҳимзода, К.Ш. Шарипова[1] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар рисолаи илмии А.Х. Ибодов таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳлилу тадқиқ гардидааст. П.А. Маҳмадов дар рисолаи худ амнияти иттилоотии робитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказиро таҳқиқ намудааст. Дар рисолаи К.И. Сафиев таъсири омилҳои иттилоотӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд. Ш.К. Раҳимзода ҷангҳои иттилоотиро таҳқиқ намуда, таъсири онҳоро ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил кардааст. К.С. Шарипова дар рисолаи илмии худ таҳдидҳои иттилоотиро яке аз таҳдидҳои пуриқтидори замони муосир муаррифӣ намуда, таъсири онҳоро ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Чи гунае, ки аз таҳлилу тадқиқоти диссертатсионии олимони ватанӣ бармеояд, масъалаҳои алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо навъҳои дигари амният, таъсири таҳдидҳои иттилоотӣ ба рушди соҳаҳои дигар ва махсусан терроризми иттилоотӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар сатҳи зарурӣ таҳлилу таҳқиқ нагардидааст.

Ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини амнияти иттилоотӣ дар монографияи коллективии олимони рус В.П. Мелников, С.А. Клейменов ва А.М. Петраков ба таври комплексӣ таҳқиқ гардидааст. Олимони мазкур бо назардошти дигаргуниҳои иттилоотию геополитикӣ ва равандҳои иқтисодии ҷомеаи муосир зарурати таъмини амнияти миллӣ ва иттилоотиро асоснок намудаанд. Дар асари мазкур дар баробари амнияти иттилоотии давлат, инчунин таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа, ташкилоту муассисаҳои шакли моликияташон гуногун ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Хулосаи муаллифон дар мавриди таъмини

[1] Ибодов А.Х. Информационная безопасность: новые вызовы и угрозы в процессе перехода к информационному обществу (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: Дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Ибодов Анвар Хабибуллоевич. –Душанбе, 2015. – 151 с.; Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии) [Текст]: дис. … д-ра полит. наук: 23.00.04 / Махмадов Парвиз Абдурахмонович. –Душанбе, 2018. –323 с.; Сафиев К.И. Информационная безопасность Республики Таджикистан в контексте современного политического процесса: сущность и приоритеты ее обеспечения [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Сафиев Кадамджон Исматович. –Душанбе, 2014. –147 с.; Рахимзода, Ш.К. Информационная война и проблемы обеспечения национальной безопасности в центральноазиатском регионе [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Рахимзода Шабнам Карим. –Душанбе, 2020. –144 с.; Шарипова К.С. Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Шарипова Камила Сухробовна. –Душанбе, 2017. –150 с.

амнияти иттилоотӣ ба воситаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва таъмин намудани бехатарии барномаҳои компютерӣ пешбинӣ мегардад[1].

Дар монографияи И.И. Попов ва Т.Л. Партика масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот, аз ҷумла дар системаҳо ва шабакаҳои иттилоотӣ баррасӣ мешаванд. Онҳо ба масъалаҳои умумии амният, нақш ва мавқеи амнияти иттилоотӣ дар системаи таъмини амнияти миллии давлат диққати бештар додаанд. Дар асари мазкур проблемаҳои ҳифзи иттилоот дар системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди маълумот, усулҳои криптографии ҳифзи иттилоот, масъалаҳои ҳифзи иттилоот дар компютерҳои фардӣ, вирусҳои компютерӣ ва барномаҳои зиддивирусӣ, инчунин масъалаҳои ҳифзи иттилоот дар шабакаҳои компютерӣ ва ташкили амнияти комплексии системаҳои иттилоотӣ баррасӣ мешаванд[2].

Дар монографияи А.В. Манойло консепсияи муборизаҳои иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотии давлатӣ дар шароити ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст. Истифодаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ масъалаи марказии асарро ташкил медиҳад. Инчунин технологияҳои паҳн намудани иттилооти носаҳеҳ, боваркунонӣ, назарфиребӣ, туҳматнамоӣ ва идоракунии бухронҳо ҳамчун воситаҳои таъсиррасонии сиёсӣ муаррифӣ мешаванд[3].

Пайдоиши таҳдиду хатарҳои иттилоотии замони муосир ва алоқамандии онҳо бо тавсеаи шабакаи интернет дар монографияи Г.Л. Акопов мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар асари мазкур таъсири шабакаи интернет ба равандҳои сиёсии ҷомеа, ташаккулёбии демократияи электронӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсадҳои сиёсӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, кибертерроризм ва монанди инҳо таҳлилу баррасӣ шудаанд[4].

Дар монографияи В.К. Новиков амнияти иттилоотӣ ва таъмини он яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосир муаррифӣ мегардад. Муаллиф ба таърихи пайдоиши яроқи иттилоотӣ диққати бештар дода, марҳила ба марҳила дигаргун шудани мундариҷаи онро

---

[1] Мельников, В.П. Информационная безопасность [Текст] / В.П. Мельников, С.А. Клейменов, А.М. Петраков. –М.: Academiya, 2007. –336 с.

[2] Попов, И.И. Информационная безопасность [Текст] / И.И. Попов, Т.Л. Партыка. –М.: Форум, 2007. – 142 с.

[3] Манойло, А.В. Государственная информационная политика в особых условиях [Текст] / А.В. Манойло. –М.: МИФИ, 2003. –388 с.

[4] Акопов, Г.Л. Политика и Интернет. Монография [Текст] / Г.Л. Акопов. –М.: ИНФРА-М, 2020. –202 с.

таҳқиқ намудааст. Дар асари мазкур шаклҳои навини яроқи иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотию психологӣ таҳлил гардида, таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ ва амнияти миллии кишвар нишон дода шудаанд[1].

Ҳарчанд, ин масъалаҳо дар рисолаҳои олимони хориҷӣ таҳқиқ гардида бошанд ҳам, аз сабаби оне, ки тадқиқоти онҳо хусусияти миллӣ доранд, ба таъмини амнияти иттилоотии кишварҳои худ нигаронида шудаанд ва онҳо ин таҳқиқотҳоро аз нигоҳи сатҳи ҷомеаи худ анҷом додаанд. Аз ин рӯ, дар шароити ташаккулёбии ҷангҳои иттилоотӣ, дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии чанд соли охир, махсусан таҳдиду хатарҳои терроризму экстремизм омӯзиши амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи дурнамои таъмини амнияти миллии кишвар хеле муҳим ба шумор меравад.

**Объекти таҳқиқот –** амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот –** ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии кишвар мебошад.

**Мақсади таҳқиқот –** муайян намудани вазъият ва дурнамои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда, ба ҳисоб меравад.

Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот иҷроиши **вазифаҳои** зерини таҳқиқотӣ пеш гузошта шудаанд:

– бо назардошти дигаргуниҳои иттилоотию технологии солҳои охир, муайян намудани хусусиятҳо ва нишонаҳои амнияти иттилоотӣ;

– муайян намудани алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо соҳаҳои дигари амният ва дар асоси омӯзиши ин масъала нишон додани ҷойгоҳи амнияти иттилоотӣ дар низоми амнияти миллӣ;

– дар заминаи омӯзиши таҳдидҳои иттилоотӣ муайян намудани шаклҳои зоҳиршавии онҳо;

– муайян намудану нишон додани таъсири муборизаҳои иттилоотии замони муосир ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– нишон додани зарурият ва муҳиммияти таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– асоснок намудани хавфу хатари терроризми иттилоотӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани паёмадҳои манфии он.

---

[1] Новиков, В.К. Информационное оружие – оружие современных и будущих войн [Текст] / В.К. Новиков. – М.: Горячая линия - Телеком, 2011. – 264 с.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти равандҳои сиёсии солҳои охир масъалаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити зуҳури таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври мушаххас дар бандҳои зерин нишон додан мумкин аст:

– дар заминаи таҳлилу баррасии дигаргуниҳои технологию иттилоотӣ хусусиятҳои муҳимми амнияти иттилоотии замони муосир муайян карда шуд;

– алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо соҳаҳои дигари амният аниқ гардида, дар асоси ин гуна алоқамандӣ амнияти иттилоотӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ муаррифӣ шудааст;

– таҳдидҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи таҳлилу баррасии онҳо шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои иттилоотӣ, муайян карда шудаанд;

– заминаҳои ташаккулёбии муборизаҳои иттилоотии замони муосир муайян гардида, таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд;

– зарурият ва муҳиммияти таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нишон дода шудаанд;

– ташаккули тадриҷии терроризми иттилоотӣ ва таҳдиду хатари он ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

1. Дар шароити муосир сатҳу сифати ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ аз таъмини амнияти иттилоотӣ вобаста гардида, яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Зеро дар раванди рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо имконияти таъмини намудани рушду инкишофи соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа фароҳам меояд, балки таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ низ пайдо мегардад, ки онҳо ҳимояи манфиатҳои миллиро аз таҳдидҳои иттилоотӣ тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, амнияти иттилоотӣ ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллии кишвар аз таҳдидҳои иттилоотии замони муосир мебошад. Бо назардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки таъмини амнияти иттилоотӣ ду самти фаъолиятро дар бар мегирад: якум, рушди инфрасохтори иттилоотӣ мамлакат ва дар заминаи он таъмин намудани рушду инкишофи ҷомеа; дуюм, мубориза бо таҳдиду хатарҳои

иттилоотӣ ва таъмин намудани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллии шахс, ҷомеа ва давлат.

2. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан дар раванди ташаккули ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ ва амнияти иттилоотӣ бо диди нав мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешаванд. Амнияти иттилоотӣ на танҳо яке аз ҷузъҳои амнияти миллӣ дониста мешавад, балки алоқамандии он бо соҳаҳои дигар ва махсусан, вобастагии таъмини амнияти онҳо аз амнияти иттилоотӣ дар мадди аввал гузошта мешавад. Ғайр аз ин, дар шароити муосир бо усулҳои анъанавӣ амнияти миллиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Чи гунае, ки ҷомеаи анъанавӣ ҷойи худро ба ҷомеаи иттилоотӣ медиҳад, амнияти анъанавӣ низ шакли худро дар зери таъсири омилҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пурра дигаргун менамояд. Дигаргуниҳо дар технология замони муосир, таҳлили хусусиятҳои иттилоотии ҷузъҳои гуногуни амнияти миллӣ ва алоқамандии байниҳамдигарии онҳо бо амнияти иттилоотӣ нишон медиҳанд, ки мафҳумҳои «амнияти миллӣ» ва «амнияти иттилоотӣ» тадриҷан аз ҷиҳати мазмун ва моҳият чандон фарқ намекунанд. Ҳама ҷузъҳои амнияти миллӣ объекти амнияти иттилоотӣ мегарданд. Чунин вазъ дар назди ҷомеашиносону сиёсатшиносон вазифаҳои навро пеш гузошта, аз онҳо эҷоди консепсия ва назарияҳоеро, ки мутобиқ ба шароити муосиранд, тақозо менамояд.

3. Айни замон иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро на танҳо барои таъмини рушди соҳаҳо ва ба манфиати ҷомеа истифода намудан мумкин аст, балки онро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию стратегӣ низ истифода менамоянд. Дар чунин шароит, таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки дар самти амалишавии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат монеа эҷод менамоянд. Ҳамзамон, як қатор таҳдидҳое пайдо шудаанд, ки ба суботи сиёсӣ, сохтори конститутсионии давлат ва амнияти миллӣ таъсири мустақим доранд. Аз ҷумла, ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароию террористӣ, дурӯғпардозию иғвоангезӣ ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд. Махсусан, дар шароити тавсеаёбии шабакаи интернет ва рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ хавфу хатари кибертерроризм, киберэкстремизм, тариқи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ, паҳн намудани иттилооти носаҳеҳ, амалӣ намудани ҷангҳои иттилоотию психологӣ, ба амал баровардани инқилобҳои ранга ва ғайраҳо зиёд шуда истодаанд. Чунин амалҳои тахрибиро ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва давлатҳои хориҷии манфиатдор анҷом

медиҳанд, ки ин гуна падидаҳо таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа ва амнияти миллии кишвар ба шумор меравад.

4. Ташаккулёбии рафтори сиёсии одамон ва фаъолнокии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҳокимияти иттилоотӣ ва мавриди истифода қарор додани нававариҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Яъне, дар раванди муборизаҳои сиёсӣ ғолибият насиби он неруҳое мешавад, ки иттилооти бештар ва афзалиятҳои иттилоотии навро соҳиб ҳастанд. Бинобар ин, рушди тамаддуни иттилоотии замони муосир ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида таъсири амиқ мерасонанд. Дар замони муосир иттилоот ва манбаҳои иттилооти шарту шароити таъмин намудани рушду инкишоф ба шумор рафта, барои ба даст овардани он акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва субъектҳои равандҳои сиёсӣ мубориза мебаранд. Инчунин ба воситаи иттилоот онҳо ҳадафҳои сиёсию стратегии худро дар амал татбиқ месозанд. Аз ин рӯ, муборизаҳои иттилоотии замони муосир на танҳо ба даст овардан ва нигоҳ доштани иттилоотро дар худ нигоҳ медорад, балки интиқол додан ва паҳн намудани онро низ тақозо менамояд. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла тавсеаи шабакаи интернет, афзоиш ёфтани истифодабарандагони он, ба вуҷуд омадани шабкаҳои иҷтимоӣ ва видеопорталҳо муборизаҳои иттилоотиро тезу тунд намудаанд. Дар ин раванд мушоҳида намудан мумкин аст, ки афзалияти бештар насиби онҳое мешаванд, ки инфрасохтори иттилоотии рушдёфта доранд. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани мавқеи худ ва ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар ба амал баровардани рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва ташаккул додани сиёсати давлатии иттилоотӣ мебошад. Дар раванди ба амал омадани муборизаҳои иттилоотӣ ҳуҷумҳои киберӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳатто, як қатор давлатҳо барои анҷом додани чунин амалҳо киберартиш ташкил намудаанд. Бо назардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки муборизаҳои иттилоотӣ унсури марказии ҷангҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд.

5. Дар шароити имрӯза, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои иттилоотӣ ва махсусан аз таъмини амнияти иттилоотӣ вобастагии зиёд пайдо намудааст. Таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон характери маҷмӯӣ дошта, дар сатҳи зарурӣ ба амал баровардани он аз як қатор омилҳо вобаста аст. Аз ҷумла, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии иттилоотӣ ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ гардонидани он, ҳимояи манфиатҳои иттилоотии ҷомеа, рушди механизмҳои

иттилоотонии кишвар, рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат, баланд бардоштани маданияти иттилоотии шаҳрвандон ва ташаккули тафаккури танқидии онҳо, ҷоннок намудани фаъолияти ВАО, дар соҳаҳои гуногуни мамлакат таъмин намудани истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ. Дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳадафҳои мазкур ва ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта аз фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобастагии зиёд дорад. Зеро давлат субъекти асосии таъмини амнияти иттилоотии кишвар ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

6. Терроризми иттилоотӣ, нисбат ба терроризми классикӣ хавфу хатари бештар дорад. Ташкилотҳои террористию экстремистӣ шабакаи интернетро воситаи асосии пешбурди фаъолияти худ қарор дода, онро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Онҳо бо истифода аз шабакаи интернет чунин амалҳоро анҷом медиҳанд: ҷангҳои иттилоотию психологӣ; ҷустуҷӯ намудани иттилооти нав ва зарурӣ; ба омӯзиш фаро гирифтани террористон; ҷамъоварии маблағ; тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ; мағзшӯӣ намудани одамон; ташкил намудани шабакаҳои террористӣ. Ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ихвон-ул-Муслимин», ҳаракати «Толибон» ва монанди инҳо таъсири бештар расонида истодаанд. Ташкилотҳои террористии мазкур ба воситаи шабкаи интернет дар байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароиро тарғибу ташвиқ намуда, кӯшиш менамоянд, ки онҳоро ба сафҳои худ шомил созанд. Инчунин ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24» ва «Паймони миллии Тоҷикистон» ба воситаи технологияҳои иттилоотии замони муосир, аз ҷумла тариқи шабакаи интернет бо забони давлатӣ дар байни шаҳрвандони кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароиро тарғибу ташвиқ намуда, дар ҷомеаи Тоҷикистон ивғоангезӣ ва барангехтани кинаю адовати миллию мазҳабиро пешаи худ намудаанд. Аз ин рӯ, экстремизм ва терроризми иттилоотӣ дар марҳилаи нави ташаккулёбии давлатдории миллии Тоҷикистон таҳдиди воқеӣ ва ҷиддӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявию методологӣ ва илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии таҳлили системавӣ,

сохторию функсионалӣ, таҳлили ниҳодӣ ва таҳлили муқоисавӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Таҳлили системавӣ имкон дод, ки унсурҳои таркибии амнияти иттилоотӣ муайян карда шуда, манфиатҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷузъҳои таркибии он нишон дода шаванд. Инчунин ба воситаи таҳлили системавӣ алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо навъҳои дигари амният муайян карда шуда, ҳамзамон он ҷузъи ҷудонашвандаи низоми амнияти миллӣ нишон дода шудааст. Таҳлили сохторию функсионалӣ имкон дод, ки субъект ва объектҳои амнияти иттилоотӣ муайян карда шуда, дар заминаи он манфиатҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

Истифодаи таҳлили ниҳодӣ бошад, на танҳо барои омӯзиши нақш ва мавқеи ниҳодҳои давлатӣ, балки барои муайян намудани дараҷаи риояи меъёрҳои ҷамъиятӣ, барои муайян намудани таносуби меъёрҳои нави фазои иттилоотӣ ва маҷозӣ, таъсири онҳо дар рафтори шаҳрвандон имконияти васеъ фароҳам овардааст.

Таҳлили муқоисавӣ имкон дод, ки раванди ташаккулёбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нишон дода шавад ва муваффақиятҳои давлатҳои алоҳида дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ муайян гарданд. Инчунин, ба воситаи ин метод, шарту шароити таъмини амнияти иттилоотӣ дар кишварҳои гуногуни олам баррасӣ гардида, афзалиятҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои пуриқтидори соҳаи иттилоот ҳамчун дурнамои таъмини амнияти иттилооти кишвар нишон дода шудаанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши амнияти иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ машғул мегарданд, аҳамиятнок мебошад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷавонон ва мубориза бар зидди терроризми иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва

предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

**Мутобиқат диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D050200 – Сиёсатшиносӣ ва ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мутобиқат менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ дар мавзӯъҳои «Усулҳои ҷалби ҷавонон аз ҷониби мубаллиғон ба сафи ташкилотҳои террористӣ» (ш.Истанбул, 15 октябри соли 2018), «Саҳми Конститутсия дар барқарорсозии сулҳу субот дар Тоҷикистон» (ш.Истанбул, 06 ноябри соли 2019) ва «Амнияти иттилоотӣ омили таъмини амнияти миллӣ» (ш.Истанбул, 06 феврали соли 2019) маърӯза гардидаанд ва барои муҳокима пешниҳод шудаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Инчунин диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва номгӯйи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 192 саҳифаи компютерӣ таҳия гардида, дар он 160 номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳо истифода шудаанд.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаи амнияти иттилоотӣ**» аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби якум «**Моҳият ва хусусиятҳои амнияти иттилоотӣ дар шароити муосир»** – дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ шаклҳои гуногуни фаҳму дарки амнияти иттилоотӣ, мундариҷаи он, объект ва субъектҳои амнияти иттилоотӣ, самтҳо ва дараҷаҳои зоҳиршавии онҳо, сабабҳо ва омилҳои афзалияти бештар пайдо намудани таъмини амнияти иттилоотӣ ва аз ҳама муҳим ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши ин масъала таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки олимону муҳаққиқони ба омӯзиши ин масъала машғулгардида ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд. Гурӯҳи аввал ҷанбаҳои технологии амнияти иттилоотӣ ва гурӯҳи дуюм бештар ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангии ин масъаларо матраҳ намудаанд. Дар таҳқиқоти ин гуна олимон масъалаҳои «ҳимояи иттилоот» ва «ҳимоя аз иттилоот» доимо дар маркази диққат қарор дода мешаванд. Намояндагони гурӯҳи аввал мазмуну мундариҷаи амнияти иттилоотиро аз барномаҳои компютерӣ ва дастгоҳҳои техникие, ки дастрасӣ ва ҳифзу нигоҳдории иттилооти шабакавиро таъмин месозанд, иборат медонанд. Дар чунин шароит иттилоот ва инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ба сифати объекти амният дониста мешаванд. Аммо дар таҳқиқоти олимоне, ки ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангиро дар мадди аввал қарор додаанд, давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида, қонеъ намудани талабот ва манфиатҳои иттилоотии онҳо ба сифати объекти амнияти иттилоотӣ муаррифӣ гардидаанд. Дар чунин шароит диққати асосӣ ба ҷомеа ва давлат нигаронида шуда, ҳимояи муҳити иттилоотии онҳо ва таъмин намудани фаъолияти муназзами ташкилоту муассисаҳои онҳо дар мадди аввал қарор мегирад.

Ғайр аз ин, вобаста ба самтҳо ва шаклҳои зоҳиршавии амнияти иттилоотӣ унсурҳои онро аз омилҳои зерин вобаста донистан мумкин аст: а) унсурҳои иттилоотию ҳуқуқӣ – мавҷудияти заминаи лозимаи меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳимояи манфиатҳои иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат; б) унсурҳои иттилоотию техникӣ – ҳимояи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа аз дахолати ғайриқонунии беруна ва ҳифзи фаъолияти доимии системаҳои иттилоотӣ аз ҳуҷумҳои киберӣ; в) унсурҳои иттилоотию психологӣ – ҳимояи ҳолати руҳиву равонии шаҳрвандон, махсусан ҳимояи афкори ҷамъиятӣ аз таъсири манфии ҳуҷумҳои иттилоотӣ.

Дар аксар маврид олимону муҳаққиқон амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлатро махсус таъкид менамоянд. Дар чунин шароит таъмин намудани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои иттилоотии шахс,

ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию беруна дар маркази диққат қарор дода мешавад. Тӯли солҳои охир амнияти иттилоотии манфиатҳои миллӣ, муносибатҳои сиёсӣ, равандҳои интихоботӣ, мубориазаҳои сиёсӣ, сиёсати дохилию хориҷии давлат ва монанди инҳо низ ба таври васеъ таҳлилу таҳқиқ гардида истодаанд.

Таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ нишон дод, ки таъмини он дар ду самт амалӣ карда мешавад: якум, таъмини рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ва дуюм, ҳимояи манфиатҳои иттилоотии кишвар аз таҳдиду хатарҳои мавҷуда. Чунин муносибат бо он асоснок мегардад, ки дар шароити имрӯза рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ вобаста гардидааст ва ҳамзамон технологияҳои мазкур боиси пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав шудаанд. Ба ибораи дигар, айни иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро ҳам ба фоидаи инсоният ва ҳам бар зарари вай истифода кардан имконпазир гардидааст. Чунин воқеият тақозои онро намудааст, ки олимону муҳаққиқон ба масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва махсусан барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои муҳими он бо диди нав муносибат намоянд.

Дар зербоби дуюми боби якум «**Амнияти иттилоотӣ соҳаи муҳимми амнияти миллӣ**» – алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо соҳаҳои дигари амнияти миллӣ таҳлилу таҳқиқ гардида, нақши омилҳои иттилоотӣ дар рушди минбаъдаи онҳо муайян карда шудаанд. Зимни муайян намудани чунин алоқамандии хос муаллиф ба хулосае меояд, ки амнияти иттилоотӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва омили асосии таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Айни замон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаи интернет ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ омили муҳими рушди соҳаҳои мазкур гардидааст. Дар шароити имрӯза омилҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ба равандҳои иҷтимоию сиёсии кишвар таъсири амиқ расонида истодаанд. Дар чунин шароит алоқамандии амнияти иҷтимоию сиёсӣ бо амнияти иттилоотӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Вайрон кардани амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ маънои фалаҷ гардонидани идоракунии давлатӣ, ташкил намудани бетартибиҳо ва аз байн бурдани суботи сиёсиро дорад. Дар кадом вазъ қарор доштани соҳаҳои дигари амнияти миллӣ аз сатҳи амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ низ вобаста аст. Бе амнияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва суботи сиёсӣ дар ягон кишвар амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ғайра буда наметавонад. Муҳимтарин объекти амнияти

иҷтимоию сиёсӣ сохтори конститутсионии давлат, рушди ниҳодҳои давлатӣ ва ҳифзи хусусиятҳои иҷтимоии он мебошад. Низоми муосири идоракунии давлатӣ, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ташаккул ёфта истодааст, муҳимтарин унсури амнияти иттилоотии ҳукумати типи нав, яъне ҳукумати электронӣ мебошад.

Дар шароити муосир амнияти иттилоотӣ бо амнияти ҳарбӣ робитаи бештар пайдо намуда истодааст. Дар зери таъсири инқилобҳои иттилоотӣ нақши омили иттилоотӣ дар сохторҳои низомии кишварҳои пешрафта меафзояд. Ин кишварҳо аз имкониятҳои васеи технологияҳои иттилоотӣ барои афзоиши қудрати ҳарбии худ ва таҳкими системаҳои мудофиавӣ самаранок истифода мебаранд[1]. Робототехникаи фосилавӣ ва ҳавопаймоҳои бесарнишин дар артиши муосир бо мақсади иктишоф ва дигар ҳадафҳо ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо ин мақсад дар як қатор кишварҳо воҳидҳои махсуси ҳарбӣ - нерӯҳои киберӣ ё худ киберартиш ташкил карда мешаванд, ки заминаи асосии онро дар баробари шароити моддию техникӣ инчунин неруи инсонӣ ташкил медиҳад. Яке аз масъалаҳои марбут ба унсурҳои иттилоотии амнияти ҳарбӣ ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Дар натиҷаи ба амал омадани ҳуҷумҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, амнияти фарҳангӣ, маънавӣ ва психологии ҷомеа зарару зиён мебинанд. Амнияти фарҳангӣ ва маънавӣ ин сатҳи ҳифзи шуури ҷамъиятӣ ва солимии маънавии мардум, ҳимояи арзишҳои ахлоқии ҷомеа ва тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ аз таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Вазифаи давлат таъмини ҳифзи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳимояи анъанаҳои миллию фарҳангӣ ва арзишҳои таърихӣ мебошад. Ин ҷониб муътақид аст, ки дар самти амнияти иттилоотӣ саҳми илму маориф ҳаётан муҳим мебошад. Фақат донишҳои ҳамсон бо воқеият метавонанд норушаниҳоеро, ки байни зуҳурот ва моҳият ҳаст ва ҳамин хосият боиси раҳгумзадагии шаҳрвандон мегардад, тафсири воқеӣ намоянд.

Ғайр аз ин, суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар аксар маврид аз рушди иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ низ вобаста мебошад. Аммо дар замони муосир рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии кишварро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва дастовардҳои нави илму техника тасаввур намудан ғайриимон аст. Дар ин раванд робитаи амнияти иттилоотӣ бо амнияти иқтисодӣ низ хеле ҷиддӣ гардида истодааст. Ба ибораи дигар, таъмини амнияти иқтисодӣ аз сатҳу сифати амнияти иттилоотӣ вобаста шудааст. Тӯли ду даҳсолаи

---

[1] Бураева Л.А. Киберразведка и ее использование мировыми странами на современном этапе [Текст] / Л.А. Бураева // Проблемы в российском законодательстве. – 2019. –№3. –С.149-161.

охир технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла технологияҳои интернетӣ, менеҷменти электронӣ, молия, инфрасохтори техникӣ, истеҳсолот, хизматрасонии маишӣ ва ғайраҳо дар миқёси васеъ татбиқ карда мешаванд. Асоси иқтисодиёти навро иттилоот ва дониш ташкил медиҳанд. Иттилоот ва дониш аллакай дар байни омилҳои асосии истеҳсолот ва хизматрасонӣ муҳим гардидааст.

Дар баробари ҳамаи ин, амнияти иттилоотӣ инчунин бо соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, озуқаворӣ, фарҳангу маънавиёт ва ғайраҳо алоқамандии зич пайдо намудааст. Ба ибораи дигар, дар раванди таъмини амнияти иттилоотӣ рушду инкишоф ва осебпазирии иттилоотии ҳамаи соҳаҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар зербоби сеюми боби якум «**Таҳдидҳои иттилоотӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо**» – хавфу хатари тавсеаи шабакаи интернет, рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ва дар заминаи онҳо пайдо гардидани таҳдидҳои иттилоотӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки аз ҷониби неруҳои тахрибкор, субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва махсусан ташкилотҳои террористию экстремистӣ истифода гардидани технологияҳои мазкур хавфу хатари амалӣ намудани назарфиребии сиёсӣ, ба роҳ мондани тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва анҷом додани ҳуҷумҳои иттилоотӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти иттилоотии ҷомеаҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст. Дар чунин шакл истифода гардидани технологияҳои иттилоотиро дар мисоли ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ташкил намудани инқилобҳои ранга мушоҳида намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, таҳлили таҳдидҳои иттилоотӣ нишон дод, ки айни замон ба таври васеъ ва бо суръати баланд паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва бардурӯғ таҳдиди воқеӣ ва пуриқтидор ба амнияти иттилоотии ҷомеа дониста мешаванд.

Айни замон ба амнияти миллии кишварҳои гуногун ҷангҳои иттилоотӣ таъсири амиқ расонида истодаанд. Ҷангҳои иттилоотӣ ба ҷойи ҷангҳои анъанавии мусаллаҳона истифода бурда мешаванд. Дар ҷангҳои иттилоотӣ низ ба монанди ҷангҳои анъанавӣ бархӯрди ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва истифодаи яроқи иттилоотӣ дида мешавад. Аммо яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ҷангҳои иттилоотӣ дар он ифода меёбад, ки онро барои тағйир додани афкори ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ расонидан ба роҳбарияти сиёсии давлат ва паст намудани самаранокии фаъолияти конститутсионалии онҳо амалӣ менамоянд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки ҷангҳои иттилоотӣ дар се сатҳ гузаронида мешаванд: стратегӣ, тактикӣ ва амалӣ. Дар сатҳи стратегӣ зоҳир шудани

ҷангҳои иттилоотӣ ҳамаи марҳилаҳои амалишавии онро, аз ҷумла объект ва мақсади чунин амалҳоро фаро мегирад. Бо тартиби муайян амалӣ намудани ҷангҳои иттилоотӣ сатҳи тактикии онро ифода менамояд. Ҳуҷумҳои алоҳидаи иттилоотӣ бошанд сатҳи амалии онро ташкил медиҳанд[1].

Дар раванди амалишавии ҷангҳои иттилоотӣ ташкил намудани ҷангҳои психологӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол намудааст. Ҷангҳои психологӣ, асосан бо мақсади шикасти иродаи миллат, осебпазир намудани руҳияи аскарону афсарон, тарсонидани ҷомеа, ба вуҷуд овардани яъсу ноумедӣ нисбат ба оянда, зарару зиён расонидан ба фарҳанги миллӣ ва арзишҳои миллӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Чунин ҳуҷумҳои иттилоотию психологиро чӣ дар рафтори давлатҳои алоҳида ва чӣ дар амалу гуфтори ташкилотҳои террористию экстремистӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Яке аз падидаҳои манфие, ки дар шароити имрӯза ба таври васеъ истифода бурда мешавад, технологияи назарфиребӣ ва паҳн намудани иттилооти бардурӯғ мебошад. Чунин тарзи иттилоърасониро дар кишварҳои ғарбӣ «Fake News», ё ин ки хабарҳои сохтаю бофта меноманд. Ин гуна иттилоот барои таъсир расонидан ба шуури ҷамъиятӣ, дигаргун намудани тасаввуроти онҳо дар бораи ҳодисаю воқеаҳо ва бо ин роҳ тағйир додани рафтори одамон мебошад. Дар шароити муосир раванди паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва ғайривоқеӣ тариқи шабакаҳои интернетӣ хеле зиёд гардида истодааст. Дар чунин шароит яке аз масъалаҳои мураккаби таъмини амнияти миллӣ муқовимат бо паҳншавии ин гуна иттилоот мебошад. Айни замон, сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, видеопорталҳо ва саҳифаҳои интернетӣ сарчашмаи асосии паҳншавии иттилооти носаҳеҳ, бардурӯғ ва иғвоангез мебошанд. Дар шароити осоишта низ алайҳи имиҷи сиёсии давлату ҳукумат ҳуҷумҳои иттилоотӣ анҷом дода мешаванд. Чунин амалҳоро одатан давлатҳои душман, ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва хоинони миллат анҷом медиҳанд. Ғайр аз ин, рушди технологияҳои иттилоотӣ боиси пайдоиши терроризми иттилоотӣ ва кибертерроризм гардидааст. Ташкилотҳои террористӣ шабакаи интернетро барои амалӣ намудани мақсадҳои худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар қатори дигар хавфу хатарҳо, ки аз рушди технологияҳои иттилоотӣ бармеоянд, инчунин бо дахолати субъектҳои хориҷӣ ва бо истифодаи технологияҳои мазкур хавфи ташкил намудан ва

[1] Манойло, А.В. Основы теории современных информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2017. –№4 (19). –С.3-23.

ба амал баровардани инқилобҳои ранга низ яке аз таҳдидҳое мебошад, ки пешгирӣ намудани он аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии ҷомеа ва давлат вобастааст. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки айни замон на танҳо давлатҳои алоҳида, балки ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ кӯшиш менамоянд, ки дар давлатҳои барои онҳо нописанд инқилобҳои ранга ташкил намоянд.

Боби дуюми диссертатсия «**Таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷомеа**» аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби дуюм «**Афзоиши муборизаҳои иттилоотии замони муосир ва таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» – раванди ташаккулёбии фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, рушди ҷомеаи иттилоотӣ, пайдоиши субъектҳои нави муборизаҳои сиёсӣ ва дар ин раванд тезу тунд гардидани муборизаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар замони муосир иттилоот ба тамоми соҳаҳои фаъолият таъсири амиқ расонида, муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ, пешбурди фаъолият ва сиёсати дохилию берунии давлатҳоро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ менамояд. Дар аксар маврид субъектҳои гуногуни равандҳои сиёсӣ иттилоотро на танҳо ба манфиати одамон, балки дар муқобили манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат истифода мебаранд. Субъектҳои гуногуни сиёсат кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар фазои иттилоотӣ ва низоми нави ҷаҳонӣ афзалиятҳои иттилоотии бештареро соҳиб шаванд. Чунин равандҳоро ба инобат гирифта, олимону муҳаққиқон мафҳумҳои «ҷангҳои иттилоотӣ», «ҳуҷумҳои иттилоотӣ», «амнияти иттилоотӣ», «терроризми иттилоотӣ», «фазои иттилоотии ҷомеа» ва монанди инҳоро таҳлилу таҳқиқ намуда истодаанд.

Дигаргуниҳои технологию иттилоотии замони муосир шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар шароити имрӯза сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дигар бо иштироки танҳо ҳукуматҳо маҳдуд намегардад. Шаҳрвандони алоҳида, ширкатҳои хусусӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористӣ имкони дар сиёсати дохилию хориҷии давлат, ҳатто дар сиёсати ҷаҳонӣ иштирок карданро пайдо менамоянд. Аммо дар баробари ин, худи давлатҳо имконияти технологию иттилоотиро истифода намуда, дар муқобили ҳамдигар мубориза мебаранд. Дар чунин шароит ташаккулёбии рафтори сиёсии одамон ва фаъолнокии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҳокимияти иттилоотӣ ва мавриди истифода қарор додани навовариҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Яъне, дар раванди

муборизаҳои сиёсӣ ғолибият насиби он неруҳое мешавад, ки иттилооти бештар ва афзалиятҳои иттилоотии навро соҳиб ҳастанд.

Муборизаҳои иттилоотии замони муосир барои пайгирӣ намудани мақсадҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Дар шароити муосир иттилоот ва манбаҳои иттилоотӣ омили асосии рушду инкишоф ба шумор рафта, воситаҳои стратегие дониста мешаванд, ки дар он на арзиши меҳнат, балки арзиши дониш нақши аввалиндараҷа мебозад. Ба ибораи дигар, иттилоот ҳамчун маҳсулот ва ҳамчун қувваи истеҳсолие мебошад, ки фурухта ва харида мешавад, ҳамзамон ба воситаи он шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва давлатҳо барои амалисозии манфиатҳо ва мақсадҳои худ иттилоотро ҳамчун воситаи мудофиа ва ё зарару зиён расонидан ба рақибони худ истифода мебаранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаҳои иттилоотӣ бештар ба фазои маънавӣ ва сиёсии ҷомеа таъсир мерасонанд. Масалан, паҳн намудани ғояҳои зӯроварӣ ва тундгароӣ, ба сари мардум бор намудани идеологияи бегона, тарғибу ташвиқ намудани фарҳанги бегона, ба шуур ва тафаккури мардум таъсири манфӣ расонидан ва ғ. таҳдидҳое мебошанд, ки дар натиҷаи муборизаҳои иттилоотӣ пайдо мешаванд. Дар фазои сиёсию идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои охир як зумра субъектҳои равандҳои сиёсӣ дар заминаи муборизаҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ ғояҳоеро паҳн намуда истодаанд, ки бештар хусусияти ноустуворкунанда доранд. Аз ҷумла ба вуҷуд овардани бадбинии иҷтимоию сиёсӣ, ба гурӯҳҳо тақсим намудани ҷомеа, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Масъалаҳои муҳимми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза»** – меъёрҳои асосии дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ, ташаббусҳои давлату ҳукумати мамлакат оид ба рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар раванди омӯзиши масъалаҳои мазкур муайян гардид, ки таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои гуногунро дар бар мегирад: дар амал татбиқ намудани манфиатҳои иттилоотии кишвар, ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми Тоҷикистон аз таҳдидҳои дохилию берунии иттилоотӣ, пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии таҳдидҳои иттилоотӣ ва ғ. Дар ин радиф бояд тазаккур дод, ки рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат, дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии иттилоотӣ, иттилоотонии ҷомеа, рушди технологияҳои иттилоотию

коммуникатсионии ватанӣ ва монанди инҳо манфиатҳои иттилоотии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Зеро дар шароити имрӯза рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз сатҳу сифати истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ вобаста мебошанд. Аммо дар заминаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернет таҳдиду хатарҳое пайдо шудаанд, ки ба суботи сиёсӣ, сохтори конститутсионии давлат ва дар маҷмуъ ба амнияти миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ҷумла, ҷангҳои иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҷалб намудани ҷавонон, ташкил намудани инқилобҳои ранга, паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ аз он қабил таҳдидҳо ба шумор мераванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди кишварҳои дигар мувофиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ давлат субъекти маркази таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Инчунин дар ин раванд ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ ҷалб карда мешаванд. То ба имрӯз бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таъмини амнияти иттилоотии кишвар бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои давлатӣ тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010», «Барномаи давлатии ҷоринамоӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайраҳо ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ ба мисли сиёсати соҳаҳои дигар дар заминаи меъёрҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад. Дар самти риояи Конститутсия ва қонунҳои мамлакат, ки барои танзими муносибатҳои иттилоотӣ қабул гардидаанд, муваффақиятҳо назаррасанд. Баъзе мушкилиҳои ҷудогонае, ки дар амалишавии қонунгузории кишвар дида мешаванд, бо рушди нокифояи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа алоқаманд мебошанд. Иттилоотонии ҷомеа ҳамчун меъёри дуюми таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофро сипарӣ намудааст ва дар оянда бо дарназардошти ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии кишвар тавсеаи он идома меёбад. Баробарҳуқуқии иштирокчиёни раванди муносибатҳои иттилоотӣ ва дастрасии баробари онҳо ба

иттилоот меъёри сеюми таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Дар назар бояд дошт, ки ҳарчанд давлату ҳукумат барои таъмини баробарҳуқуқии иттилоотӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ диҳад ҳам, пурра таъмин намудани ин гуна баробарҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда давлат сатҳи минималии дастрасии баробари ҷомеа ба иттилоотро таъмин намудааст. Рушди афзалиятноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ватанӣ ҳамчун меъёри чоруми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши ҳалкунанда дорад. Ҳарчанд заминаҳои меъёрию ҳуқуқии ин самти фаъолият дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, барои рушди минбаъдаи онҳо масъалаҳои омода намудани кдрҳои соҳаи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бояд дар мадди аввал қарор дода шаванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Терроризми иттилоотӣ ҳамчун хавфу хатар ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – истифодаи шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ, таҳдиду хатари падидаҳои мазкур ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, осебпазирии кишвар дар муқобили неруҳои тахрибкор ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Таҳқиқи терроризми иттилоотӣ ва таъсири он ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки кишвар аз рӯйи як қатор масъалаҳо дар муқобили ташкилотҳои террористӣ осебпазирӣ дорад. Чунончӣ, зиёда аз 90% аҳолии Тоҷикистон пайравони дини ислом ташкил медиҳанд, ки чунин вазъ барои тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ имконият фароҳам меоварад. Аз чунин вазъ истифода намуда, як зумра ташкилотҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла «Ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳаракати Толибон», «Ихвон-ул-муслимин» ва монанди инҳо кӯшиш менамоянд, ки бо роҳи таблиғоту ташвиқот ва мағзшӯии ҷавонон онҳоро ба сафҳои худ ҷалб созанд. Ғайр аз ин, ҷомеаи Тоҷикистон дар давраи гузариш қарор дошта, дар кишвар мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоие ба назар мерасанд, ки осебпазирии кишварро дар назди ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ бештар менамоянд. Чунин шароит қисме аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҷбур менамояд, ки ҳамасола ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намоянд. Аз чунин шароити муосид истифода намуда, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24», «Паймони миллии Тоҷикистон» ва фаъолони онҳо дар

байни муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолона ғояҳои тундгароии динию сиёсиро паҳн менамоянд.

Ҳизбу ҳаракатҳои дар боло номбаргардида кӯшиш намуда истодаанд, ки дар муқобили давлату ҳукумат шаҳрвандони Тоҷикистонро сафарбар намоянд ва бо роҳи ташкил намудани инқилоби ранга ва ё табаддулоти давлатӣ сохтори конститутсионии давлатро тағйир диҳанд. Тӯли солҳои охир онҳо дар видеопортали YouTube хеле фаъол гардида, видеороликҳои дорои хусусияти тундгароӣ ва ифротгароиро паҳн намуда истодаанд. Дар баробари мавҷудияти таҳдиду хатари экстремизм ва терроризми иттилоотӣ маданияти иттилоотию идеологии аҳолии мамлакат низ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Яъне, тафаккури танқидии ҷавонон ҳанӯз ҳам дар ҳоли шаклгирӣ аст, ки чунин ҳолат осебпазирии онҳоро бештар менамояд. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки ташкилотҳои террористию экстремистии дар боло номбаргардида дар аксар маврид мушкилиҳои дар ҷомеа ҷойдоштаро ҳамчун яроқи идеологию сиёсӣ интихоб намуда, ба ин васила қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба амалҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ талқин месозанд. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаи интернет ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ имкониятҳои зиёдро фароҳам овардааст. Аз чунин имкониятҳои истифода намуда, онҳо пурра ба фаъолияти шабакавӣ гузаштаанд ва айни замон субъектҳои асосии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ ба шумор мераванд. Тӯли чанд соли охир ташкилотҳои террористӣ тавонистаанд, ки як зумра ҷавононро гумроҳ сохта, ба сафҳои худ шомил созанд. Ҳизби наҳзати исломӣ ва Гурӯҳи 24 бошад бо роҳи назарфиребӣ ва дурӯғпардозӣ тавонистаанд, ки дар байни муҳоҷирон пайравони худро бештар созанд. Аз ин рӯ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон терроризми иттилоотӣ аз таҳдиди эҳтимолӣ ба таҳдиди воқеӣ табдил ёфта истодааст.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва тавсеаи истифодабарии шабакаи интернет имконият додааст, ки дар кишварҳои олам сатҳу сифати фаъолият дар соҳаҳои гуногун беҳтар гардонида шуда, рушди соҳаҳо таъмин карда шавад. Аммо дар чунин шароит хавфу хатарҳои иттилоотие пайдо шудаанд, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд мебошанд. Ба ибораи дигар, айни замон иттилоотро на танҳо барои таъмин намудани рушду инкишоф, балки зарару зиён расонидан ба рақибон ва аз байн бурдани суботи сиёсӣ

низ истифода намуда истодаанд. Бинобар ин, айни замон амнияти иттилоотӣ омили муҳими таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад [1 - М].

2. Айни замон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият муборизаҳои иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотиро мушоҳида намудан мумкин аст. Чунин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, таъмини амнияти соҳаҳои мазкур дар алоҳидагӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар маҷмӯъ аз сатҳу сифати амнияти иттилоотӣ вобаста мебошад. Аммо таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзу ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлатро бе амнияти иттилоотӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст [2 - М].

3. Таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии кишвар дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд, ки дар байни онҳо ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҷангҳои психологӣ, паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва иттилооти носаҳеҳ, таъсир расонидан ба шуури ҷамъиятӣ, ташкил намудани инқилобҳои ранга ва монанди инҳо барои давлатдории миллӣ ва амнияти сиёсии кишвар хавфу хатари бештар доранд. Дар байни онҳо, технологияҳои муосири ҷангҳои иттилоотӣ, ки бо роҳи назарфиребӣ шуури сиёсӣ ва рафтори шаҳрвандонро қодиранд, ки тағйир диҳанд, хеле хатарнок мебошанд [3 - М].

4. Айни замон манбаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ унсури таркибии фишангҳои таъсиррасонии иқтисодию сиёсӣ гардидаанд. Махсусан, ВАО-и анъанавӣ ва электронӣ, ки онро шохаи чоруми ҳокимият низ меноманд, барои таъсир расонидан ба равандҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ истифода мегарданд. Дар ин раванд масъалаҳои коркарди иттилоот, нигоҳдорӣ, интиқол ва дар самти зарурӣ истифода кардани иттилоот дар мадди аввал қарор мегирад. Худи иттилоот, ки барои коркарди он технологияҳои муосир ба вуҷуд оварда шудаанд, объекти асосии сиёсати давлатӣ ва муборизаҳои сиёсию иттилоотиро ташкил медиҳад [4 - М].

5. Дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити имрӯза дар мадди аввал қарор дорад. Рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар вобаста мебошад. Чунин вазъ тақозои онро менамояд, ки сиёсати давлатии иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа рушду такмил дода шуда, бо дигаргуниҳои замони муосир мутобиқ сохта шаванд [5 - М].

6. Терроризми иттилоотӣ фаъолияти стратегие мебошад, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ аз ҷониби неруҳои тахрибкор, пеш аз ҳама, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ анҷом дода мешавад. Терроризми иттилоотӣ дар чанд шакл зоҳир мегардад: якум, дар шакли паҳн намудани иттилооти носаҳеҳ; дуюм, дар шакли паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ ва террористӣ; сеюм, ба сафҳои худ ҷалб намудани пайравону ҳаммаслакон. Дар шароити имрӯза ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз имкониятҳои васеи ТИК моҳирона истифода намуда, тариқи шабакаҳои иҷтимоии Facebook, YouTube, WhatsApp, Facebook Messenger, WeChat, Instagram, Tik Tok, Twitter ва ғайраҳо се амали дар боло номбаргардидаро анҷом медиҳанд [6 - М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

– ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ аз осебпазирии кишвар истифода намуда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат сафарбар менамоянд ва бо ҳар роҳу восита кӯшиш мекунанд, ки онҳоро ба сафҳои худ шомил созанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон яке аз шартҳои муҳимтарини таъмини амнияти иттилоотии кишвар баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷомеа бояд бошад;

– баланд бардоштани сатҳу сифати иттилоотонии аҳолӣ, огоҳ намудани онҳо аз таҳдиду хатари таблиғи ғояҳои террористию экстремистӣ, назарфиребӣ ва мағзшӯӣ гардидани онҳо аз ҷониби террористону экстремистон, ташаббус нишон додани шаҳрвандон ҷиҳати дар марҳилаҳои аввал муайян намудани мағзшӯӣ ва таблиғоти тундгароӣ масъалаҳои маърифатие мебошанд, ки бо ҷангҳои иттилоотию психологии замони муосир алоқамандии зич доранд ва барои коҳиш додани таъсири манфии онҳо мусоидат менамоянд. Ғайр аз ин, дар бораи роҳу усулҳои назарфиребӣ ва мағзшӯии террористон ташкил намудани сарчашмаҳои иттилоотии муътамад ва дастрас, бо ин роҳ огоҳ намудани истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ аз мақсадҳои ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ низ хеле муҳим аст;

– омӯзиш ва таҳқиқи механизмҳои дар амал татбиқ сохтани назарфиребӣ ва мағшӯии одамон бояд ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Ин самти таҳқиқотҳои илмиро давлату ҳукумат бояд ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва барои бомуваффақият анҷом ёфтани онҳо маблағҳои зарурӣ ҷудо созанд. Ба таҳқиқу омӯзиши ин масъала олимони

варзида ҷалб карда шаванд. Гузаронидани мониторинги саҳифаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоие, ки зиёда аз 5000 бинанда ва хонанда дорад, хеле зарур аст. Чунин амал имконият медиҳад, ки таъсири манфии терроризми иттилоотӣ дар марҳилаҳои аввали зоҳиршавии он муайян карда шавад;

– бо мақсади таъмин намудани рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат ва ташаккул додани инфрасохтори иттилоотии ҷомеа сохта ба истифода додани системаҳои иттилоотии соҳавӣ, бойгониҳои иттилоотии соҳавӣ, порталҳои миллӣ, марказҳои илмию таҳқиқотии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ зарур шуморида мешавад. Аммо барои амалӣ намудани ин мақсадҳо мутахассисони соҳаи мазкур низ лозиманд. Зеро рушди технологияҳои иттилоотии ватанӣ ва ташаккули инфрасохтори иттилоотии мамлакат аз мутахассисони ин соҳа, сатҳу сифати омода намудани онҳо барои қонеъ сохтани талаботи объективии ҷомеа ва касбияти онҳо вобаста мегардад ва бо ин мақсад ба омода намудани мутахассисони ин соҳа низ бояд диққати зарурӣ дода шавад;

– таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи ташаккули қонунгузории соҳаи иттилоот дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, махсусан ба амал баровардани ҷангҳои иттилоотӣ марҳила ба марҳила мубрамияти хосса пайдо менамояд. Ғайр аз ин, дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ як қатор самтҳои нави фаъолияти иттилоотӣ пайдо мегарданд, ки барои танзими рафтори субъектҳои ин соҳаҳои фаъолият такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии иттилоотӣ зарур шуморида мешавад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1-М. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ва хусусиятҳои он дар шароити муосир [Матн] / Ф.А. Холиқов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. –№4. –С.96-107. ISSN 2075-9584

2-М. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ қисми ҷудонашавандаи амнияти миллӣ [Матн] / Ф.А. Холиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. –№9. – С.395-406. ISSN 2413-5151

3-М. Холиқов Ф.А. Таҳдидҳои иттилоотӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо [Матн] / Ф.А. Холиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. –№1. – С.173-183. ISSN 2413-5151

4-М. Холиқов Ф.А. Заминаҳои ташаккулёбии муборизаҳои иттилоотӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.А. Холиқов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –2021. –№2. –С.72-86. ISSN 2075-9584

5-М. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он [Матн] / С.С. Ятимов, Ф.А. Холиқов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. –№3 (52). –С.204-216. ISSN 2664-0651

6-М. Холиқов Ф.А. Терроризми иттилоотӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Холиқов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. –2021. –№2 (263). –С.68-73. ISSN 2076-2569

**Маърӯзаҳои илмӣ:**

7-М. Холиқов Ф.А. Усулҳои ҷалби ҷавонон аз ҷониби мубаллиғон ба сафи ташкилотҳои террористӣ // Зарурати муборизаи муштарак бар зидди ташкилотҳои террористӣ: конфронси байналмилалӣ (ш.Истанбул, 15 октябри соли 2018). –Истанбул: Донишгоҳи Истанбули Туркия, 2018.

8-М. Холиқов Ф.А. Саҳми Конститутсия дар барқарорсозии сулҳу субот дар Тоҷикистон // Конститутсия, давлат ва Тоҷикистон: конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба 25-умин солагарди Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Истанбул, 06 ноябри соли 2019). –Истанбул: Институти тадқиқоти стратегии Ҷумҳурии Туркия, 2019.

9-М. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ омили таъмини амнияти миллӣ // Тоҷикистон – Туркия: муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез: конфронси байналмилалӣ (ш.Истанбул, 06 феврали соли 2019). –Истанбул: Муфтиёти Ҷумҳурии Туркия, 2019.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқов Фирдавс Алиевич дар мавзӯи «Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калидвожаҳо:** амнияти иттилоотӣ, амнияти миллӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

Дар таҳқиқоти мазкур моҳият, хусусият ва самтҳои асосии ташаккулёбии амнияти иттилоотӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи он дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, бо алоқамандии амнияти иттилоотӣ бо соҳаҳои дигар ва вобастагии рушди минбаъдаи онҳо аз сатҳу сифати амнияти иттилоотӣ асоснок карда мешавад. Дар шароити муосир фаъолияти бомаром ва пешрафти ҳеҷ як соҳаро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ ва бе истифодаи шабакаи интернет тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, тавсеаи истифодабарии онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар манфиатҳое мебошанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо бо таъмини амнияти иттилоотӣ робитаи ногусастанӣ доранд. Аммо дар баробари ҳамаи ин, мушоҳида намудан мумкин аст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ боиси пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав гардидаанд. Ба ибораи дигар, иттилоотро дар шароити имрӯза на танҳо ба манфиати инсоният, балки бар зарари он низ истифода мекунанд. Таҳқиқи ин паҳлуи масъала нишон дод, ки айни замон субъектҳои гуногуни минтақавию ҷаҳонӣ, дохилию хориҷӣ, махсусан давлатҳои манфиатдор ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию стратегии хеш технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернетро алайҳи манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии як қатор кишварҳо истифода намуда истодаанд. Маҳз дар чунин шароит пайдоиши ҷангҳои иттилоотию психологӣ, паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва бардурӯғ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, кӯшиши ташкил намудани инқилобҳои ранга ва табаддулоти давлатӣ, кибертерроризм ва киберэкстремизм, терроризми иттилоотӣ, назарфиребӣ, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва истифодаи назарфиребии сиёсӣ ба мушоҳида мерасанд.

# АННОТАЦИЯ

## автореферату диссертации Холикова Фирдавса Алиевича на тему «Информационная безопасность как фактор обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 - Политические институты, процессы и технологии

**Ключевые слова:** информационная безопасность, национальная безопасность, информационные угрозы, информационный терроризм, информационные войны, информационные атаки, информационная борьба, информационные системы, информационное пространство, информационно-коммуникационные технологии.

Данное исследование всесторонне рассматривает сущность, особенности и основные направления формирования информационной безопасности и показывает ее место в системе национальной безопасности Республики Таджикистан. В первую очередь это связано с взаимосвязью информационной безопасности с другими областями, и их дальнейшее развитие зависит от уровня и качества информационной безопасности. В современных условиях невозможно представить себе бесперебойную работу и прогресс любой отрасли без использования информационных и компьютерных технологий и Интернета. Поэтому представляет интерес развитие информационных технологий, расширение их использования в различных сферах общественной жизни и развитие информационной инфраструктуры страны в целом, внедрение которой неразрывно связано с информационной безопасностью. Но в то же время видно, что развитие информационных технологий привело к появлению новых угроз и опасностей. Другими словами, в современном мире информация используется не только во благо, но и во вред всему человечеству. Исследование этого аспекта показало, что в настоящее время различные региональные, глобальные, внутренние и внешные игроки, особенно заинтересованные государства, террористические и экстремистские организации, используют информационные технологии и Интернет вопреки национальным интересам и политической стабильности ряда стран для достижения своих политических и стратегических целей. Именно в этом контексте возникают информационные и психологические войны, распространение неточной и ложной информации, информационные атаки, попытки организовать цветные революции и государственные перевороты, кибертерроризм и киберэкстремизм, информационный терроризм, мошенничество, манипуляции и негативное воздействие.

## ANNOTATION

**Author's abstract of the dissertation of Kholikov Firdavs Alievich on the topic "Information security as a factor in ensuring the national security of the Republic of Tajikistan"** ***for the degree of Candidate of Political Science*****, specialty 23.00.02 - Political institutions, processes and technologies**

**Key words:** information security, national security, information threats, information terrorism, information wars, information attacks, information warfare, information systems, information space, information and communication technologies.

This study comprehensively examines the essence, features and main directions of the formation of information security and shows its place in the national security system of the Republic of Tajikistan. This is primarily due to interconnection of information security with other areas, and their further development depends on the level and quality of information security. In today’s environment, it is impossible to imagine the smooth operation and progress of any industry without the use of information and computer technologies and the Internet. Therefore, it is of interest to develop information technologies, expand their use in various spheres of public life and develop the country's information infrastructure as a whole, the implementation of which is inextricably linked with information security. But at the same time, it is obvious that the development of information technology has led to the emergence of new risks and threats. In other words, in the modern world, information is used not only for the good, but also to the detriment of all mankind. The study of this aspect has shown that at present various regional, global, internal and external players, especially interested states, terrorist and extremist organizations, use information technologies and the Internet contrary to the national interests and political stability of a number of countries to achieve their political and strategic goals. It is in this context, that information and psychological wars, dissemination of fake news, information attacks, attempts to organize color revolutions and coups d'etat, cyber terrorism and extremism, information terrorism, fraud, manipulation and negative impacts arise. Currently, the national security of the Republic of Tajikistan is seriously affected by information wars, information attacks, information terrorism, and the involvement of young people in the ranks of terrorist and extremist organizations.

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ**

**На правах рукописи**

**УДК:** 327.88

**ХОЛИКОВ ФИРДАВС АЛИЕВИЧ**

# ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени
кандидата политических наук по специальности 23.00.02
– Политические институты, процессы и технологии

**Душанбе-2022**

Диссертация выполнена на кафедре политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель** | **Ятимов Саймумин Саторович** – доктор политических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, председатель Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан |
| **Официальные оппоненты:** | **Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук, доцент, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан<br>**Холов Хуршед Кодиркулович** – кандидат политических наук, доцент кафедры политологии Таджикского национального университета |
| **Ведущая организация:** | Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан |

Защита диссертации состоится “15” апреля 2022 года в “$14^{00}$” часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-001 при Таджикском национальном университете по адресу: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.

С текстом диссертации можно ознокимится в научной библиотеке Таджикского национального университета и на официальном сайте ТНУ (www.tnu.tj).

Автореферат разослан “___” ___________ 2022 года.

Ученый секретарь
Диссертационного совета,
доктор философских наук                                        Муминов А.И.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РАБОТЫ

**Актуальность темы исследования.** В условиях устойчивого развития информационно-коммуникационных технологий невозможно обеспечить дальнейшее развитие общества и национальной безопасности Республики Таджикистан без учета информационных факторов. В такой ситуации информационная безопасность страны считается центральным элементом системы национальной безопасности, от которой зависит развитие различных сфер общественной жизни. Наряду с развитием информационной инфраструктуры общества, которая важна для бесперебойного функционирования государственных и общественных институтов, существуют также угрозы, негативно влияющие защите национальных интересов, особенно политической стабильности и общественного порядка. Поэтому обеспечение информационной безопасности в условиях стремительно меняющегося мира и изучение различных его аспектов имеет научное и практическое значение для Республики Таджикистан.

Эту ситуацию подчеркивал Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своем ежегодном послании 26 января 2021 года, что «последователи террористических и экстремистских организаций стараются взбудоражить общество, внести раскол и возбудить религиозные столкновения для введения в заблуждение жителей страны, особенно молодежь, привлечение ее в ряды запрещенных организаций широко используют Интернет. … Они до сих пор из-за кордона всякими путями и средствами стараются взбудоражить наше общество, навязать народу чуждые ему культуру и религиозные течения».[1]

